**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН**
**БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ**

**УДК: 347.731(575.3)**
**ББК: 65.9 (2) 8 (2 т)**
**Ш - 25**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ШАРИФОВ ШУҲРАТҶОН ҶАЛИЛОВИЧ**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ ДАР БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждандӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**ДУШАНБЕ – 2021**

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро шудааст.

| | |
|---|---|
| **Роҳбари илмӣ:** | **Сангинов Дониёр Шомаҳмадович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| **Муқарризони расмӣ:** | **Исмоилов Шавкат Маҳмудович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон |
| | **Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| **Муассисаи тақриздиҳанда:** | **Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** |

Ҳимояи диссертатсия 11 январи соли 2022 соати 11:00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ва дар сомонаи **www.tnu.tj** шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «____» ___________ соли 2021 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор** **Азиззода У.А.**

# МУҚАДДИМА

**Муҳиммияти мавзӯи тадқиқот.** Мушкилоти танзими ҳуқуқии бозори меҳнат, шуғл ва бекорӣ дар ҳама гуна ҷомеа мураккаб ва ҳалталаб мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) бозори меҳнат то ҳол дар марҳалаи ташаккулёбӣ ва рушд қарор дорад. Аз ин рӯ, баъзе мушкилот, аз ҷумла хусусиятҳои шуғл ва бекорӣ дар Тоҷикистон, танзими бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти бозаргонӣ, ҷанбаҳои минтақавии бекорӣ ва зиддиятҳои иҷтимоии он то ба имрӯз пурра омӯхта нашудаанд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 таъкид намуданд, ки: «Дар сиёсати давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ доранд. Вале бояд гуфт, ки тибқи таҳлил сатҳи касбияти коргарон ҳанӯз ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набуда, ин масъала ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад»[1].

Барои расидан ба ин ҳадаф давлат бояд шароит фароҳам созад, то ки субъектони хоҷагидор вориди бозори меҳнат гардида, бо усулҳои дар қонунгузорӣ муқарраргардида мушкилоти шуғл ва бекориро ҳал намоянд. Чун қоида «Иқтисодиёти бозорӣ ва дастгирии бахши хусусӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорӣ, асоси пешравии иқтисодиёти ватанӣ ва рушди давлатдорӣ мебошад. Ба иқтисоди бозорӣ гузаштан, кафолатҳои фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, дигар намудҳои фаъолияти бо қонун манъношуда дар сатҳи конститутсионӣ, озодии рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ, эҷоди фазои ягонаи иқтисодӣ, шомилшавии кишвар ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо, фароҳам овардани фазои мусоиди ҳуқуқӣ ҷиҳати кафолат додани гуногуншаклии моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, омили асосии рушди соҳибкорӣ ва такомул ёфтани он дар кишвар гаштааст»[2].

Далели муҳим он аст, ки гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ боиси ба амал омадани тағйироти сохторӣ ва пастравии истеҳсолот мегардад, ба табоҳшавии ҷиддии некуаҳволии қисми зиёди аҳолӣ ва мувофиқан, афзудани шиддати иҷтимоию сиёсии кишвар оварда мерасонад. Мушкилоти

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26.01.2021. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:// http://prezident.tj/node/25005#panjakent. (санаи муроҷиат: 02.02.2021 с.).

[2] Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 аз 6 феврали соли 2018, № 1005 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 03.08.2020 с.).

ҳуқуқии бозори меҳнатро бо роҳи омӯзиш ва ошкор намудани нуқсонҳои қонунгузорӣ саривақтӣ медонем. Ин амал омӯзиши амиқи илмии фаъолияти соҳибкории субъектони хоҷагидорро дар тамоми механизми бозори меҳнат, ташаккули сиёсати мутавозини давлат оид ба истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва шуғлро тақозо мекунад.

Айни ҳол дар Тоҷикистон 19 субъекти хоҷагидори дорои иҷозатнома барои хизматрасонии таъминоти кадрӣ фаъолият менамоянд ва соли 2020 аз 19 субъект 9-тои онҳо фаъолият намуда, 1071 нафар шаҳрвандони кишварро бо ҷойи кор таъмин намуданд[3].

Дар қонунгузорӣ муқаррар нашудани мақоми ҳуқуқии субъектони хоҷагидори дорои иҷозатнома барои хизматрасонии таъминоти кадрӣ ҷиҳати интихоб ва ҷобаҷогузории кормандон, муайян набудани мавқеи онҳо дар биржаи меҳнат, нопурра номбар шудани намудҳои алоҳидаи хизматрасонӣ дар бозори меҳнат ва ғайра аз муҳим будани мавзӯи тадқиқоти интихобшуда шаҳодат медиҳанд.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАДҚИҚОТ

**Алоқамандии диссертатсия бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳо.**

Диссертатсияи мазкур яке аз ҷузъҳои нақшаи корҳои илмию тадқиқотии кафедраи ҳуқуқи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Самти нақшаи корҳои илмию тадқиқотии кафедраи номбурда «Назарияи таърихи давлат ва ҳуқуқ» номида мешавад ва он фарогири мавзӯи тадқиқоти диссертатсионии мазкур мебошад.

**Дараҷаи тадқиқоти илмӣ оид ба мавзӯи интихобгардида.** Шарҳи умумии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнат дар асарҳои олимони ватанӣ, ба монанди Раҳимзода М.З.[4], Бозоров Р.Б.[5], Кабутов Э.Д.[6], Сангинов Д.Ш.[7]ва ҷанбаи иқтисодии онро дар таълифоти Набие-

[3] Ҳисоботи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020.–Душанбе, 2021. Саҳ. 5.

[4] Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. – Душанбе: Бухоро, 2014. – 638 с.; Раҳимзода М.З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ. Монография. – Душанбе, 2018. – 392 с.; Раҳимзода М.З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳикбории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. - Душанбе: Дониш, 2019. – 557 с.; Раҳимзода М.З., Нуров Ҳ.П. Танзими ҳуқуқии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон// Қонунгузорӣ. – 2017. – №2 (26).– С.37-42.

[5] Бозоров Р.Б. Инвестиции: Теория и правовое регулирование. – Душанбе, 2020. – 220 с.; Бозоров Р.Б. Инвестиционное право: Учебник. – Душанбе: ТГНУ, 2008. - 480 с.

[6] Кабутов Э.Д. Проблемы частноправового регулирования отношений по оказанию услуг трудоустройства в Республике Таджикистан: дис. … канд. юрид. наук. - Душанбе, 2014. - 194 с.

ва Л.М.[8], Назаров А.Ш.[9], Саломова Г.Г.[10], Усманова Т.Ҷ.[11], Хошмухамедова П.С.[12] ва олимони дигар пешниҳод мегардад. Тадқиқоти диссертатсиониро дар самти мазкур баъзе олимони хориҷӣ, аз ҷумла Андрианова М.А.[13], Карасёва Л.В.[14], Нурмагамбетов А.М.[15], Санникова Л.В.[16], Чочуа Г.Г.[17] ва ғайра таълиф намудаанд.

Бо вуҷуди он ки, дар ин мавзуъ тадқиқоти зиёде анҷом дода шудаанд, масъалаи танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнат то ҳол дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигари ИДМ ба таври маҷмӯӣ мавриди пажӯҳиш қарор нагирифтааст. Корҳои илмие, ки олимони зикргардида анҷом додаанд, баъзе ҷанбаҳои мавзӯи тадқиқоти диссертатсионии мазкурро дар бар мегиранд.

**Мақсаду вазифаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади тадқиқоти илмӣ аз ошкор намудани хусусиятҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнат бо назардошти муҳим будани мавзуъ, пайдо намудани дониши нав дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин, омодасозии пешниҳодҳо дар хусуси бартараф намудани

---

[7] Сангинов Д.Ш. Предпринимательское право Республики Таджикистан. Учебное пособие. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 600 с.; Сангинов Д.Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон (матни лексия). Воситаи таълимӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 500 с.; Сангинов Д.Ш., Мирзоев П.З. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон Китоби дарсӣ. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 500 с.

[8] Набиева Л.М. Основные направления государственного регулирования рынка труда: на примере Республики Таджикистан: дис. … канд. эконом. наук. - Москва, 2010. - 171 с.

[9] Назаров А.Ш. Аналитико-имитационное моделирование прогнозирования рынка труда: на материалах Республики Таджикистан: дис. … канд. эконом. наук. - Душанбе, 2011. - 126 с.

[10] Саломова Г.Г. Институциональные основы формирования и развития рынка труда в Республике Таджикистан: дис. … канд. эконом. наук. - Душанбе, 2006. - 170 с.

[11] Усманова Т.Дж. Теоретические вопросы и особенности функционирования рынка труда в условиях переходной экономики: на примере Республики Таджикистан: дис. … канд. эконом. наук. - Душанбе, 2006. - 318 с.

[12] Хошмухамедова П.С. Мобильность рабочей силы и ее влияние на рынок труда (на материалах Республики Таджикистан): дис. … канд. эконом. наук. - Душанбе, 2019. - 191 с.

[13] Андрианова М.А. Трудовые отношения с участием иностранцев в системе международного частного и трудового права России: дис. ... канд. юрид. наук. - Москва, 2002. - 164 с.

[14] Карасёва Л.В. Значение норм международного частного права в регулировании трудовых отношений мигрантов из стран СНГ в Российской Федерации: дис. ... канд. юрид. наук. - Москва, 2007. - 220 с.

[15] Нурмагамбетов А.М. Рынок труда (Правовые проблемы и перспективы): дис. ... д-ра. юрид. наук. - Москва, 1998. - 324 с.

[16] Санникова Л.В. Проблемы правового регулирования отношений найма труда: Цивилист. аспект: дис. ... канд. юрид. наук. - Томск, 1996. - 192 с.

[17] Чочуа Г.Г. Правовые проблемы аттестации работников в условиях рынка труда: дис. ... канд. юрид. наук. - Москва, 2010. - 180 с.

норасоиҳои мавҷуда оид ба мавзӯи тадқиқот иборат мебошад. Барои ноил гардидан ба мақсади гузоштошуда муаллиф вазифаҳои зеринро иҷро намудааст:

- муайян намудани мафҳуми бозори меҳнат ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқии бозаргонӣ;
- таҳлили вазъи ҳуқуқии субъектони хоҷагидор дар бозори меҳнат;
- баррасии воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ дар механизми танзими ҳуқуқии бозори меҳнат;
- баррасии нақшу мавқеи шартномаҳо дар соҳаи хизматрасонии низоми шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ;
- ошкор сохтани намуди шартномаҳо оид ба хизматрасонии пулакӣ дар бозори меҳнат;
- таҳлили усулҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори меҳнат;
- омӯзиши ҷавобгарии ҳуқуқию гражданӣ тибқи шартномаи хизматрасонӣ дар бозори меҳнат;
- омодасозии пешниҳодҳои ба такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнат нигаронидашуда.

**Объекти тадқиқоти диссертатсия** муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба муҳимтарин масъалаҳои танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнат мебошанд.

**Мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ** ақидаҳо ва нуқтаи назари олимонро оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнат, инчунин муқаррароти қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар соҳаи мазкур дар бар мегирад.

**Асосҳои методологии тадқиқоти диссертатсионӣ.** Дар диссертатсия усулҳои умумӣ ва хусусии илмӣ, аз ҷумла усули умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили муназзам, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез, истифода шудаанд. Инчунин дар диссертатсия усулҳои махсуси илмии зерин кор бурда шудаанд: усули расмии мантиқӣ, таърихию ҳуқуқӣ ва муқоисавию ҳуқуқӣ.

**Асоси назариявии тадқиқоти диссертатсиониро** асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ- Андрианова М.А., Бобокалонов Ғ.М., Бозоров Р.Б., Ғаюров Ш.К., Золотухин А.В., Исмоилов И.М., Кабутов Э.Д., Карасёва Л.В., Маҳмудзода М.А., Маҳмадшозода Ф.А., Муртазозода Ҷ.С., Мирзозода П.З., Набиева Л.М., Назаров А.Ш., Нурмагамбетов А.М., Раҳимзода М.З., Саломова Г.Г., Сангинов Д.Ш., Санникова Л.В., Тағойназаров Ш.Т., Усманова Т.Ҷ., Хошмухамедова П.С., Чочуа Г.Г. ва дигарон, ки ба масъалаҳои умумии танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнат бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Манбаи асосии тадқиқот

корҳои илмии муаллифони ватанию хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва граждании мебошанд.

**Заминаи меъёрии тадқиқоти диссертатсиониро** Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ (минбаъд – КГ ҶТ) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар тадқиқот инчунин консепсия, стратегия ва барномаҳои давлатӣ истифода шудаанд. Муҳимтарин замина ва роҳнамои тадқиқот паёмҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ ба ҳисоб меравад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқоти диссертатсионӣ.** Аҳамияти назаривии натиҷаи тадқиқот дар он аст, ки натиҷаи бадастомада метавонад ҳамчун асоси назариявии такмил ва рушди танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар бозори меҳнат амал кунанд ва сабаби такмил ёфтани яке аз навъҳои муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ – муносибатҳои соҳибкорӣ дар бозори меҳнат гарданд. Натиҷаҳои бадастомада, пешниҳодҳо, хулосаҳо ва дастовардҳои дигари муаллиф барои такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ ва рушди соҳа заминаи дахлдор ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, хулосаҳои аз тадқиқот ба дастомада метавонанд ҳангоми таҳияи дастурамалҳо, барномаҳо, низомномаҳо ва ҳуҷҷатҳои дахлдори дигари соҳаи мазкур ба таври васеъ истифода шаванд.

Инчунин маводи рисолаи илмиро ҳангоми машғулиятҳои фанни ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи граждани, ҳангоми иҷрои корҳои мустақилона, таълифи рисолаҳои хатм, магистрӣ ва диссертатсияҳо мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ**. Диссертатсияи мазкур нахустин тадқиқоти бунёдии илмӣ оид ба танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Тадқиқот дар заминаи таҳлили имконоти назариявию амалӣ, мушкилоти ҷойдошта ва проблемаҳои муносибатҳои соҳибкорӣ дар бозори меҳнат омода гардида, инчунин роҳҳои ҳалли мушкилоти мазкур нишон дода шудаанд.

Ба ҳимоя **нуктаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки навгонии илмии тадқиқоти диссертатсияро ташкил мекунанд:

1. Бозори меҳнат чун категорияи ҳуқуқӣ маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки дар робита бо зарурат ва эҳтиёҷот ба қувваи корӣ ба вуҷуд омада, аз ҷониби субъектони хоҷагидор амалӣ карда мешавад. Ҳамчун асоси сиёсати давлатии ба рушди бозори меҳнат нигаронидашуда муқаррар гардидани вазифаҳои зерин мувофиқи мақсад аст: дастгирии соҳибкории хурду миёна барои таъсис додани ҷойҳои нави корӣ дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ; эҳё, рушд ва дастгирии молиявии намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ дар саросари

ҷумҳурӣ; таҳия ва амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонӣ ва фароҳам овардани шароит барои шуғли босамари табақаҳои осебпазири аҳолӣ; ҷорӣ намудани механизми шарикии бахши давлатӣ бо бахши хусусӣ ва принсипҳои маблағгузории мақсадноки барномаҳои минтақавии шуғли аҳолӣ; ташаккул додани низоми мусоидат ба рушди босамари меҳнат; таҳияи барнома ва механизмҳои арзёбии салоҳиятнокии мутахассисони соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон; таҳия ва амалисозии тадбирҳо ҷиҳати мутобиқсозии фаъолияти муҳоҷирони меҳнатии ба ватанбаргашта, ки вурудашон ба давлатҳои қабулкунанда манъ шудааст, ба бозори меҳнати ҷумҳурӣ; арзёбии мутазами вазъи бозори меҳнат, муайян намудани талаботи корфармоён ба қувваи корӣ тавассути омӯзиши бозори меҳнат.

2. Шартномаи хизматрасонии таъминоти кадрӣ намуди шартномаи хизматрасонии пулакӣ мебошад, ки тибқи он як тараф-иҷрокунанда, уҳдадор мешавад корманд ё кормандони худро ба тарафи дигар-фармоишгар барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатии ӯ ба манфиати фармоишгар ва таҳти назорати ӯ пешниҳод кунад ва фармоишгар уҳдадор мешавад, маблаҷи чунин хизматрасониро пардохт намояд. Шартномаи мазкур дар боби 37 КГ ҶТ дарҷ нашудааст, инчунин мухолифи муқаррароти ин боб намебошад.

3. Дар бозори меҳнат хизматрасонии таъминоти кадрӣ ҷиҳати интихоб ва бокортаъминкунии кормандон анҷом дода мешавад, ки он аз чунин зернамудҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ иборат мебошад: рекрутмент (Recrutment) – хизматрасонӣ оид ба раванди киро кардан, ҷудо карда гирифтан тибқи рӯйхат, киро намудани корманд ба кори доимӣ ва ё муваққатӣ; скрининг (Screening) – хизматрасонӣ оид ба интихоб кардани кормандони эҳтимолии покви ҷдон ва ростқавл, ки ба омилҳои хавф барои корхона осебпазир нестанд; екзекютив сирч (Executive search) – хизматрасонии махсус оид ба ҷустуҷӯ ва интихоби кадрҳо - номзадҳои баландихтисос ба мансабҳои роҳбарӣ дар бахшҳои давлатию хусусӣ, инчунин дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; стаф лизинг (Staff leasing) – хизматрасонӣ оид ба кирояи корманд барои муҳлати муайян бидуни истифодаи хизматрасонии агентии муваққатии кадрӣ; аутстаффинг (Outstaffing) – хизматрасонӣ оид ба азнавбақайдгирии кормандон дар ҷадвали воҳидҳои кории ширкати дигар, ки дар натиҷа корманд дар ҷойи кори пештара кор мекунад ва вазифаҳои қаблии худро иҷро мекунад, аммо нақш ва уҳдадориҳои корфармо расман ба ширкати бегона (аутстаффер) дода мешаванд; аутсорсинг (Outsourcing) – хизматрасонии ташкилот оид ба иҷрои раванди муайяни фаъолият ва ё вазифаҳои истеҳсолии ташкилоти алоҳида мебошад. Одатан онҳо бар ивази хизматрасонии ширкате дода мешаванд, ки дар соҳаи дахлдор махсус гардонида шудааст. Аутсорсинг ба фармоиш-

гар имкон медиҳад, ки харочотро коҳиш дода, диққати худро ба равандҳои асосии тиҷоратии ширкат равона созад; ҳедҳантинг (Headhunting) – хизматрасонӣ оид ба ҷустуҷӯ ва интихоби кадрҳои асосӣ ва нодир аз рӯйи ихтисос ва дараҷаи касбияти мутахассисон мебошад. Ба чунин мутахассисон сармуҳосибон, ҳуқуқшиносон, роҳбарони корхонаҳо ва мутахассисони ихтисосҳои нодир мансубанд; аутплейсмент (Outplacement)–хизматрасонии марбут ба фаъолияти корфармо дар бобати киро намудани кормандони аз кор озодшуда, ба монанди маслиҳат додан ба чунин кормандон аз ҳисоби корфармо оид масъалаҳои бокортаъминкунӣ, хизматрасонӣ дар мавриди бо кор таъмин кардан, пешбарӣ ва тарғиби онҳо дар бозори меҳнат, хизматрасонӣ оид ба ташкили раванди аз кор озод кардани кормандон, оид ба қатъ кардани муносибатҳои меҳнатии байни ташкилот ва кормандон, оид ба таъмини ҷалби ташкилотҳои махсусгардондашуда барои мусоидат дар бобати бо кор таъмин намудани кормандони аз кор озодшуда. Талабот ба чунин хизматрасонӣ ҳангоми азнавташкилдиҳии корхона, ихтисор намудани шумора ва ё басти кории кормандон ба миён меояд.

4. Мушкилот оид ба муайян намудани ҳуқуқҳои истифодабарандаи хизматрасонӣ дар бозори меҳнат ба ҳайати субъективии он (яъне фармоишгар ҳам шахси воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ буда метавонад) ва пурра татбиқшаванда набудани баъзе усулҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ, аз ҷумла хусусиятҳои шартнома оид ба хизматрасонӣ вобаста аст. Татбиқи меъёрҳои ғайрирасмӣ чӣ дар марҳилаҳои пешакӣ ва чӣ пас аз бастани шартномаи хизматрасонӣ дар байни ташкилотҳо оид ба истифодаи қувваи корӣ ба он оварда мерасонад, ки аксари ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар шартномаи хизматрасонӣ ё дарҷ намегарданд ва ё дар қисми номаълуми шартнома муайян карда мешаванд, ки минбаъд барои корманд ҳангоми татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ӯ мушкилиҳоро ба вуҷуд меорад. Ӯ пеш аз ҳама, аз имкони истифодаи иттилооти расмӣ комилан маҳрум мегардад. Тафсилоти ғайрирасмии ҳуқуқҳои истеъмолкунанда аксарияти субъектҳои расмии иттилоотро бесамар мегардонад, инчунин ӯро ҳамчун корманд маҷбур месозанд, ки баъд аз поймол шудани ҳуқуқҳояш аз ҷониби фармоишгар агентҳои хусусии бокортаъминкуниро ҷустуҷӯ карда, барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунияш чораҳои ғайрирасмиро истифода барад.

5. Ба расмият даровардани муносибатҳои шартномавии байни агентиҳои рекрутингӣ ва мизоҷ, пеш аз ҳама, раванди мутақобилаи хизматрасонӣ мебошад. Агентиҳои рекрутингӣ (кадрӣ) ҳамчун субъектони амаликунандаи фаъолияти соҳибкорӣ, иштирокчиёни комилҳуқуқи муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ буда, хизматрасонии пешбининамудаи боби 37 КГ ҶТ-ро ҳамчун самти асосии фаъолияти худ анҷом медиҳанд. Агентии рекрутингӣ (кадрӣ) дар асоси шартномаи хизматрасонии баимзо-

расондаи худ уҳдадор аст ба манфиати фармоишгар амал кунад ва фармоишгар бояд бар ивази он маблағ пардохт кунад.

6. Агентиҳои рекрутингӣ (кадрӣ), ҳамчун субъекти соҳибкорӣ, дар бозори меҳнат чунин намудҳои хизматрасониро дар алоҳидагӣ ба анҷом мерасонанд: санҷиши шарҳи ҳол дар бобати мутобиқат бо омилҳои назаррас, истифодаи технологияи муосир, сабти ҳама гуна иттилоот дар бораи ҷойҳои кории холӣ, паҳн намудани иттилоот ба ҷойи мусоҳиба тавассути почтаи электронӣ ё гузариши довталаб ба дастгоҳи посухдиҳии худкор бо қайди шарҳи он ки чи гуна ба он ҷо рафтан мумкин аст, баррасии номзадҳо барои мусоҳиба аз рӯйи омилҳои муҳимтарин ва ғайра.

7. Барои фарқ карда тавонистани шартномаи ҳуқуқи граждани аз шартномаи меҳнатӣ ба инобат гирифтани муқаррароти зерин зарур аст: танзими ҳуқуқӣ; тарафҳои шартнома; мавзӯи шартнома; мақсади бастани шартнома; ба санадҳои меъёрии дохилӣ мувофиқат кардани шароити меҳнат; муҳлати шартнома; пардохти маблағ; кафолату ҷубронпулиҳо; ҳуҷҷатгузорӣ.

**8. Барои ба таври зарурӣ ба роҳ мондани танзими ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори меҳнат ва рушди минбаъдаи он чунин пешниҳодҳои амалиро манзур менамоем:**

8.1. Қонуни ҶТ «Дар бораи агентиҳои хусусии бокортаъминкунӣ» қабул карда шавад. Дар қонун бояд мафҳумҳои асосӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои агентиҳои хусусии бокортаъминкунӣ, инчунин шаклҳои ҳамкории онҳо бо хадамоти давлатии шуғл муқаррар карда шаванд.

8.2. Барои эътироф намудани фаъолияти рекрутингӣ ҳамчун намуди муосири фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди он қабул намудани барномаи давлатии фаъолияти рекрутингӣ зарур аст.

**Озмоиши натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ омода гардида, якчанд маротиба мавриди муҳокима қарор гирифтааст ва ба ҳимоя тавсия шудааст. Инчунин, диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, ба ҳимоя тавсия шудааст. Натиҷаҳои тадқиқот марҳила ба марҳила дар раванди омӯзиши масъалаҳои гузошташуда дар давраи солҳои 2016–2021 озмуда шудаанд.

Хулосаҳои асосӣ ва тавсияҳои муаллиф дар ҳаҷми умумии 5,17 ҷузъи чопӣ дар 6 мақола инъикос ёфтаанд, ки 3-тои онҳо (2,12 ҷ.ч.) дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Муқаррароти асосии тадқиқот дар конференсияҳои зерин дар шакли маърӯза пешниҳод шудаанд: Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар

мавзӯи «Ҷавонон ва рушди илми муосир» (ш. Қӯрғонтеппа, 20 майи соли 2016); Конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Душанбе, 4 ноябри соли 2019); Конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявии «20 – солаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ», «5500 – солагии Саразми бостонӣ, «700–солагии Камоли Хуҷандӣ» (ш.Душанбе, 20 – 25 апрели соли 2020); Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (ш.Душанбе, 8 октябри соли 2020).

Натиҷаҳои тадқиқот ҳангоми тадриси дарсҳои семинарӣ аз фанни ҳуқуқи соҳибкорӣ ва дарсҳои лексионӣ аз фанни ҳуқуқи гражданӣ истифода шудаанд. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ нашр гардидаанд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯи дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар пешниҳоди навгониҳо ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, нашри мақолаҳои илмӣ ва илмию оммавӣ бо мавзӯи диссертатсия дар шакли маърӯза дар конференсияҳои илмӣ ва ғайра инъикос меёбад. Ҳамзамон, ошкор карда шудани проблемаҳо ва пешниҳоди роҳҳои ҳалли онҳо дар рисолаи илмӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда (сарчашмаҳо) иборат мебошад. Нақшаи рисолаи илмӣ ба таври бонизом ва бо назардошти пайдарҳамии мантиқӣ омода шудааст. Диссертатсия аз 172 саҳифа иборат аст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** муҳим будани мавзӯи тадқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, сатҳи омӯзиши илмии он, мавзуъ, объект, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, навгонии илмӣ ва муқарраротi ба ҳимоя пешниҳодшаванда, инчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шуда, инчунин тасвиби натиҷаҳои тадқиқот ва саҳми шахсии муаллиф инъикос шудаанд.

Боби якуми диссертатсия - **«Ҷанбаҳои ҳуқуқии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се зербоб иборат аст ва дар он масъалаҳои вобаста ба бозори меҳнат ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқии бозоргонӣ, субъектони соҳибкорӣ дар бозори меҳнат ва ҳолати ҳуқуқии онҳо, инчунин воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ дар механизми танзими ҳуқуқии бозори меҳнат таҳлил мегардад.

Дар зербоби якум, ки **«Бозори меҳнат ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқии бозаргонӣ»** номида шудааст, муаллиф қайд менамояд, ки бо назардошти ҳамбастагии омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва равандҳои демографӣ пешгӯӣ, ошкорсозӣ ва қонеъ намудани талаботи воқеии бозори меҳнат, танзими шуғл аҳамияти хоса пайдо мекунанд.

Дар ин замина муайян намудани мафҳуми бозори меҳнат ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ аст. Унсурҳои муҳим ва низомофари бозори меҳнат, ки моҳияти онро ифода мекунанд, мафҳумҳои «шуғл», «бекорӣ», «талабот ба қувваи корӣ», «пешниҳоди қувваи корӣ» ва «арзиши қувваи корӣ» мебошанд. Танҳо дар сурати таҳлили ягонаи мафҳумҳои зикршуда мафҳуми бозори меҳнатро муайян намудан мумкин аст. Дар асоси пажӯҳишҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ муаллиф чунин таърифи мафҳуми бозори меҳнатро ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ пешниҳод менамояд - бозори меҳнат маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки оид ба талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ ба вуҷудомада аз ҷониби субъектони хоҷагидор амалӣ карда мешавад.

Минбаъд дар зербоби мазкур муаллиф таҷрибаи кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла Шветсияро доир ба танзими бозори меҳнат таҳлил намуда, ба чунин хулоса меояд, ки барои рушди бозори меҳнат дар Тоҷикистон ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани унсурҳои амсилаи шведӣ ҷиҳати рушди бозори меҳнат, шуғл ва коҳиш додани бекорӣ зарур мебошад.

Зербоби дуюм «**Субъектони соҳибкорӣ дар бозори меҳнат ва ҳолати ҳуқуқии онҳо**» ном дорад. Дар зербоби мазкур муаллиф қайд менамояд, ки субъектҳои бозори меҳнат корфармоён, соҳибкорон, кормандон (корҷӯён), инчунин давлат дар шахси мақомоти ваколатдори он мебошанд. Соҳибкорон ва кормандон дар бозори меҳнат манфиатҳои гуногун доранд. Соҳибкорон барои ба даст овардани фоида ва ноил шудан ба ҳадафҳои дигари худ бо истифодаи қувваи корӣ тавассути пешниҳод намудани хизматрасонӣ манфиатдор мебошанд. Кормандон барои ба кор таъмин гардидан, шароити бехатари кор ва афзун намудани кафолатҳои иҷтимоӣ манфиатдоранд. Амал кардани бозори меҳнат барои нигоҳдории мувозинаи ин манфиатҳо зарур аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар Тоҷикистон масъалаи ҷустуҷӯи кормандони соҳибихтисос аз ҷониби корфармоён аст масъалаи доғи рӯз ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар бозори меҳнат масъалаи шуғл ва бокортаъминкунӣ дар ҷойи аввал қарор дорад.

Дар зербоби мазкур муаллиф ба масъалаи бокортаъминкунӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳад. Ӯ қайд менамояд, ки бокортаъминкунӣ раванди ҷалб намудани шаҳрвандон ба фаъолияти меҳнатӣ, аз ҷумла тавассути мусоидати давлат ва ҷомеа ба онҳо ҳангоми ҷустуҷӯи кор мебошад.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар кишвари мо барои рушди бозори меҳнат фаъолияти миёнаравон ҳамчун субъектони соҳибкорӣ, дар ҷустуҷӯ, ҷобаҷогузорӣ ва таъминоти кадрҳо хеле муҳим мебошад. Дар бозори меҳнат чунин миёнаравонро иттиҳодияҳои хусусӣ ё агентиҳои хусусии бокортаъминкунӣ меноманд ва онҳо дар миёни субъектони асосии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ – корфармо ва корманд бо хизматрасонӣ машғуланд, яъне ба корфармо дар ҷустуҷӯ ва интихоби кадрҳои зарурӣ ва ба довталабон (кормандони оянда) барои таъмин шудан бо ҷойи кор хизмат мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон субъектони соҳибкорӣ барои машғул шудан бо фаъолияти бокортаъминкунии шаҳрвандони кишвар берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд иҷозатнома гиранд. Аммо дар дохили кишвар хизматрасонии бокортаъминкунӣ бо ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ манъ нашудааст, бинобар ин, дар асоси принсипи «ҳама чизе, ки манъ нашудааст, равост» фаъолияти агентиҳои хусусии бокортаъминкунӣ қонунӣ мебошад.

Дар хотимаи зербоби мазкур муаллиф масъалаи танзими фаъолияти агентиҳои хусусии бокортаъминкуниро мавриди таҳлил қарор дода, ба чунин хулоса меояд, ки бояд қонунгузории Тоҷикистон дар ин соҳа такмил дода, Қонуни ҶТ «Дар бораи агентиҳои хусусии бокортаъминкунӣ» қабул карда шавад. Дар қонуни мазкур бояд мафҳумҳои асосӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои агентиҳои хусусии бокортаъминкунӣ, инчунин шаклҳои ҳамкории онҳо бо хадамоти давлатии шуғл муқаррар карда шаванд.

Дар зербоби сеюм бо номи «**Воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ дар механизми танзими ҳуқуқии бозори меҳнат»** муаллиф қайд менамояд, ки механизми танзими ҳуқуқии бозори меҳнат мушкилоти маҷмӯӣ буда, ҳалли он ба танзими воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ вобаста мебошад. Сохтори бозори миллии меҳнат дар заминаи тафовути минтақавии рушди иқтисодиёти кишвар ташаккул меёбад. Ин ба номувофиқатии байни талабот ва пешниҳодоти кор, хусусан аз рӯйи тахассуси касбӣ таъсири ҷиддӣ мерасонад. Барои ҳалли мушкилоти вобаста ба шуғл бояд хусусиятҳои бозори меҳнат дар ҳар як минтақа ба назар гирифта шаванд. Ин на танҳо барои танзими шуғли аҳолии минтақа, балки барои андешидани тадбирҳои мушаххаси ба афзунсозии фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҷобаҷогузорӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ нигаронидашуда зарур аст. Тарҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғл талаб менамояд, ки татбиқи барномаҳои мақсаднок, сиёсат дар соҳаи шуғл бо назардошти афзалиятҳои стратегӣ ва хусусиятҳои бозори меҳнат вобаста ба бастани шартномаҳои хизматрасонии пулакӣ такмил дода шавад. Он метавонад ба таъсиси ҷойҳои корӣ ҳамчун самти асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, воситаҳои граждании ҳуқуқӣ дар механизми танзими ҳуқуқии бозори меҳнат шартномаҳо, тадбирҳои ҷавобгарии молумулкӣ ва чораҳои таъсиррасонии фаврӣ мебошанд. Маҳз бо назардошти чунин воситаҳо бояд дар илми ҳуқуқшиносӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ тафовутгузории байни муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатӣ муқаррар карда шавад. Дар онҳо иҷрои кор ё хизматрасонӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бидуни мақоми махсус (кори инфиродӣ) анҷом дода мешавад.

Боби дуюми диссертатсия «**Шартномаи хизматрасонии пулакӣ ҳамчун воситаи ҳуқуқии хизматрасонӣ дар бозори меҳнат**» ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар он муаллиф масъалаҳои нақш ва мавқеи шартномаи хизматрасонӣ дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ ва намудҳои шартномаҳо дар бораи хизматрасонии пулакӣ дар бозори меҳнатро таҳлил менамояд.

Дар зербоби якуми боби дуюми рисола таҳти унвони «**Нақш ва мавқеи шартномаҳои хизматрасонӣ дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи гражданӣ**» муаллиф қайд менамояд, ки дар иқтисодиёти муосир соҳаи хизматрасонӣ яке аз соҳаҳои зудрушдкунанда мебошад.

Дар зербоби мазкур муаллиф нақш ва мавқеи шартномаи хизматрасонӣ дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи гражданиро таҳлил намуда, аз ҷумла қайд менамояд, ки шартномаи таъминоти кадрӣ яке аз намудҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ буда, тибқи он як тараф - иҷрокунанда уҳдадор мешавад корманд ё кормандони худро ба тарафи дигар - фармоишгар барои иҷрои уҳдадориҳои меҳнатии ӯ ба манфиат ва таҳти назорати фармоишгар пешниҳод кунад, фармоишгар бошад, уҳдадор мешавад маблағи чунин хизматрасониро пардохт намояд. Шартномаи мазкур дар боби 37 КГ ҶТ дарҷ нашудааст ва он мухолифи ин боб низ намебошад.

Дар асоси омӯзиши масъалаи мазкур муаллиф ба хулоса омадааст, ки барои тафовут гузоштан миёни шартномаи гражданӣ ва шартномаи меҳнатӣ ба инобат гирифтани шартҳои зерин зарур аст: танзими ҳуқуқӣ; тарафҳои шартнома; мавзӯи шартнома; мақсади бастани шартнома; ба тартиботи дохилӣ мувофиқат доштани шароити меҳнат; муҳлати шартнома; пардохти маблағ; кафолатҳо ва ҷубронпулӣ; ҳуҷҷатгузорӣ.

Зербоби дуюми боби дуюм «**Намудҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ дар бозори меҳнат**» ном дорад. Дар асоси омӯзиши ақидаҳои олимон, таҷрибаи ҶТ ва кишварҳои дигар муаллиф қайд менамояд, ки дар бозори меҳнат хизматрасонӣ оид ба таъминоти кадрӣ ҷиҳати интихоб ва ба кор таъмин кардани кормандон амалӣ мегардад ва он аз чунин зернамудҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ иборат мебошад:

- рекрутмент (Recrutment) – хизматрасонӣ оид ба раванди киро кардан, ҷудо карда гирифтан тибқи рӯйхат, киро намудани корманд ба кори доимӣ ва ё муваққатӣ;

- скрининг (Screening) – хизматрасонӣ оид ба интихоб кардани кормандони эҳтимолии поквиҷдон ва ростқавл, ки ба омилҳои хавф барои корхона осебпазир нестанд;

- екзекютив сирч (Executive search) – хизматрасонии махсус оид ба ҷустуҷӯ ва интихоби кадрҳо - номзадҳои баландихтисос ба мансабҳои роҳбарӣ дар бахшҳои давлатию хусусӣ, инчунин дар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ;

- стаф лизинг (Staff leasing) – хизматрасонӣ оид ба кироячи корманд барои муҳлати муайян бидуни истифодаи хизматрасонии агентии муваққатии кадрӣ;

- аутстаффинг (Outstaffing) – хизматрасонӣ оид ба азнавбақайдгирии кормандон дар ҷадвали воҳидҳои кории ширкати дигар, ки дар натиҷа корманд дар ҷойи кори пештара кор мекунад ва вазифаҳои қаблии худро иҷро мекунад, аммо нақш ва уҳдадориҳои корфармо расман ба ширкати бегона (аутстаффер) дода мешаванд;

- аутсорсинг (Outsourcing) – хизматрасонии ташкилот оид ба иҷрои раванди муайяни фаъолият ва ё вазифаҳои истеҳсолии ташкилоти алоҳида мебошад. Одатан онҳо бар ивази хизматрасонии ширкате дода мешаванд, ки дар соҳаи дахлдор махсус гардонида шудааст. Аутсорсинг ба фармоишгар имкон медиҳад, ки хароҷотро коҳиш дода, диққати худро ба равандҳои асосии тиҷоратии ширкат равона созад;

- ҳедҳантинг (Headhunting) – хизматрасонӣ оид ба ҷустуҷӯ ва интихоби кадрҳои асосӣ ва нодир аз рӯйи ихтисос ва дараҷаи касбияти мутахассисон мебошад. Ба чунин мутахассисон сармуҳосибон, ҳуқуқшиносон, роҳбарони корхонаҳо ва мутахассисони ихтисосҳои нодир мансубанд;

- аутплейсмент (Outplacement) – хизматрасонии марбут ба фаъолияти корфармо дар бобати киро намудани кормандони аз кор озодшуда, ба монанди маслиҳат додан ба чунин кормандон аз ҳисоби корфармо оид масъалаҳои бокортаъминкунӣ, хизматрасонӣ дар мавриди бо кор таъмин кардан, пешбарӣ ва тарғиби онҳо дар бозори меҳнат, хизматрасонӣ оид ба ташкили раванди аз кор озод кардани кормандон, оид ба қатъ кардани муносибатҳои меҳнатии байни ташкилот ва кормандон, оид ба таъмини ҷалби ташкилотҳои махсусгардондашуда барои мусоидат дар бобати бо кор таъмин намудани кормандони аз кор озодшуда.

Боби сеюми рисолаи илмӣ **«Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда ва ҷавобгарӣ оид ба муносибатҳои шартномавӣ дар бозори меҳнат»** ном дошта, дар он муаллиф масъалаҳо оид ба тарзҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи

истеъмолкунанда дар бозори меҳнат ва ҷавобгарии гражданӣ тибқи шартнома дар бораи хизматрасонӣ дар бозори меҳнатро таҳлил намудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм таҳти унвони «**Тарзҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандаи хизматрасонӣ дар бозори меҳнат»** муаллиф қайд менамояд, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба воситаи Кодекси граждании ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», қонунҳои дигар ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар асоси онҳо қабулшуда амалӣ карда мешаванд. Дар байни намудҳои зиёди хизматрасонӣ, ки имрӯз ба мизоҷон пешниҳод мешаванд, на ҳамаи он босифат аст ва аксарияти онҳо ба талабот ҷавобгӯй нестанд. Аз ин рӯ, ҳангоми анҷом ёфтани хизматрасонӣ санҷидани сифати он зарур аст.

Дар натиҷаи омӯзиши масъалаи мазкур муаллифи рисолаи илмӣ ба хулоса омадааст, ки мушкилоти муайянкунии ҳуқуқҳои истифодабарандагони хизматрасонӣ дар бозори меҳнат ба таркиби субъективии он (яъне фармоишгар метавонад ҳам шахси воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ бошад) ва пурра татбиқнашаванда будани баъзе усулҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ бо назардошти хусусияти ин шартномаи хизматрасонӣ вобаста аст. Паҳн гаштани меъёрҳои ғайрирасмӣ ҳам дар марҳилаҳои пешакӣ ва ҳам пас аз бастани шартномаи хизматрасонӣ байни ташкилотҳо оид ба истифодаи қувваи корӣ боиси он мегардид, ки аксари ин ҳуқуқҳои истеъмолкунанда дар шартномаи хизматрасонӣ ё дарҷ намегардиданд ва ё дар қисми номаълуми шартнома сабт мешуданд, ки барои субъект дар амалӣ кардани ҳуқуқу манфиатҳояш монеаҳои минбаъдаро ба вуҷуд меовард. Истеъмолкунанда пеш аз ҳама аз имкони истифодаи иттилооти расмӣ маҳрум аст. Бинобар ин, зарур аст, ки дар шартномаҳои хизматрасонӣ дар бозори меҳнат уҳдадории иҷрокунанда оид ба пешниҳод намудани иттилоот пурра ва ҳаматарафа дарҷ карда шавад.

Дар зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия, ки «**Ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ тибқи шартномаи хизматрасонӣ дар бозори меҳнат»** ном дорад, муаллиф қайд менамояд, ки тамоюли асосии даҳсолаҳои охир тавсеаи назарраси соҳаи хизматрасонӣ мебошад. Дар шароити рушди муносибатҳои бозаргонӣ, инчунин ноустувории иқтисодӣ, ҳаҷми хизматрасонии ба иқтисодиёти бозаргонӣ хос ба таври назаррас меафзояд. Муаллиф қайд менамояд, ки мақоми қонунгузор татбиқи ҷавобгарии гражданиро барои поймол кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар соҳаи хизматрасонӣ пешбинӣ намудааст. Қонунгузории амалкунандаи соҳаи мазкур чораҳоро, аз қабили ҷуброни зарар, пардохти ноустуворона, ҷуброни зарари маънавӣ, ситонидани ҷаримаро пешбинӣ менамояд, вале он бо вуҷуди ин иҷрокунандаро аз уҳдадориҳои ба зиммагузошта-

аш озод намекунад. Ҷуброни зарар ба барқарорсозии ҳуқуқи молумулкии ҷабрдида аз ҳисоби молу мулки ҳуқуқвайронкунанда нигаронида шудааст.

Дар асоси таҳлили қонунгузории ҶТ ва амалия муаллиф ба чунин хулоса омадааст: шахсе, ки тибқи шартнома оид ба хизматрасонӣ дар бозори меҳнат иштирок мекунад ва ба таври мунтазам чунин шартномаҳоро ба имзо мерасонад, бояд ҳамчун соҳибкор ба қайд гирифта шавад. Дар асоси шартҳои зикргардидаи шартнома оид ба хизматрасонӣ, ки бо шахси воқеӣ ба имзо расонда шудааст, масъулияти ҳуқуқи гражданӣ барои риоя накардани онҳо ба зиммаи ҳар ду тарафи шартнома, вобаста ба дараҷаи гуноҳ ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкунӣ вогузор мегардад.

## НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ ТИБҚИ ДИССЕРТАТСИЯ

1. Бозори меҳнат чун категорияи ҳуқуқӣ маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқие мебошад, ки вобаста ба талаботу пешниҳоди қувваи корӣ байни корманд ва корфармо пайдо ва анҷом дода мешаванд. Ҳамчун заминаи сиёсати давлатии ба рушди бозори меҳнат дар Тоҷикистон мусоидаткунанда муқаррар карда шудани вазифаҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад: дастгирии соҳибкории хурду миёна бо мақсади таъсис додани шуғли босамар дар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ; эҳё, рушд ва дастгирии молиявии намудҳои гуногуни ҳунарҳои мардумӣ дар миқёси ҷумҳурӣ; таҳия ва амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ ва фароҳам овардани имконияти шуғли пурсамар барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ; ҷорӣ намудани механизми ҳамкории бахши давлатӣ бо бахши хусусӣ ва принсипҳои мақсадноки маблағгузории барномаҳои минтақавии шуғли аҳолӣ; ташаккул додани низоми миллии афзун намудани маҳсулнокии меҳнат; таҳияи барнома ва механизмҳои арзёбии салоҳиятнокии мутахассисон дар соҳаи иқтисодиёти Тоҷикистон; роҳандозии тадбирҳо ҷиҳати мутобиқсозии фаъолияти муҳоҷирони меҳнатии баватанбаргашта ба бозори меҳнати ҷумҳурӣ, ки вурудашон ба кишварҳои қабулкунанда манъ шудааст; мунтазам арзёбӣ намудани вазъи бозори меҳнат, муайян намудани талаботи корфармоён ба қувваи корӣ тавассути омӯхтани бозори меҳнат **[1-М].**

2. Воситаҳои ҳуқуқи гражданӣ дар механизми танзими ҳуқуқии бозори меҳнат шартномаҳо, чораҳои ҷавобгарии молумулкӣ, чораҳои таъсиррасонии фаврӣ мебошанд. Маҳз бо назардошти ин воситаҳо бояд илми ҳуқуқшиносӣ ва таҷрибаи ҳуқуқӣ муносибатҳои ҳуқуқию гражданӣ ва муносибатҳои меҳнатиро фарқ карда тавонад, ки дар он иҷрои кор ё хизматрасонӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бидуни мақоми махсус (кори шахсӣ) анҷом дода мешавад **[3-М].**

3. Шартномаи хизматрасонии таъминоти кадрӣ намуди шартномаи хизматрасонии пулакӣ мебошад, ки тибқи он як тараф – иҷрокунанда

ухдадор мешавад корманд ё кормандони худро ба тарафи дигар - фармоишгар барои иҷрои ухдадориҳои меҳнатии ӯ ба манфиат ва таҳти назорати фармоишгар пешниҳод кунад, фармоишгар бошад, ухдадор мешавад маблағи чунин хизматрасониро пардохт намояд. Гарчанде ки ин шартнома дар боби 37 КГ ҶТ дарҷ нашудааст, мухолифи ин боб намебошад [**2-М**].

4. То он даме, ки қувваи кории корманд бо омили моддии истеҳсолот - воситаҳои истеҳсолот, раванди истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ, муносиб нест, иҷрои кор ғайриимкон мебошад. Ҳамбастагии меҳнат ва воситаҳои истеҳсолот кафолати фаъолияти ҳар як субъекти хоҷагидорӣ, новобаста ба намуди фаъолияти ӯ мебошад. Агар вазифаи кормандро соҳибкор иҷро кунад, мутобиқати меҳнат ва воситаҳои истеҳсолот мушкилот пеш намеорад, зеро дар ин ҳолат соҳибкор ба корманди кироя эҳтиёҷ надорад. Аммо дар сурати барои ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ҷалб намудани кормандони кироя вазъ ба таври ҷиддӣ тағйир меёбад. Ин кор тавассути намудҳои алоҳидаи шартномаи хизматрасонии пулакӣ дар бозори меҳнат ба сомон расонда мешавад [**5-М**].

5. Мушкилот оид ба муайян намудани ҳуқуқҳои истифодабарандаи хизматрасонӣ дар бозори меҳнат ба ҳайати субъективии он (яъне фармоишгар ҳам шахси воқеӣ ва ҳам ҳуқуқӣ буда метавонад) ва пурра татбиқшаванда набудани баъзе усулҳои ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ, аз ҷумла хусусиятҳои шартнома оид ба хизматрасонӣ вобаста аст. Татбиқи меъёрҳои ғайрирасмӣ чӣ дар марҳилаҳои пешакӣ ва чӣ пас аз бастани шартномаи хизматрасонӣ дар байни ташкилотҳо оид ба истифодаи қувваи корӣ ба он оварда мерасонад, ки аксари ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар шартномаи хизматрасонӣ ё дарҷ намегарданд ва ё дар қисми номаълуми шартнома муайян карда мешаванд, ки минбаъд барои корманд ҳангоми татбиқи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ӯ мушкилиҳоро ба вуҷуд меорад. Тафсилоти ғайрирасмии ҳуқуқҳои истеъмолкунанда аксарияти субъектҳои расмии иттилоотро бесамар мегардонад, инчунин ӯро ҳамчун корманд маҷбур месозад, ки баъд аз поймол шудани ҳуқуқҳояш аз ҷониби фармоишгар агентҳои хусусии бокортаъминкуниро ҷустуҷӯ карда, барои ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунияш чораҳои ғайрирасмиро истифода барад [**6-М].**

6. Ба расмият даровардани муносибатҳои шартномавии байни агентиҳои рекрутингӣ ва мизоҷ, пеш аз ҳама, раванди мутақобилаи хизматрасонӣ мебошад. Агентиҳои рекрутингӣ (кадрӣ) ҳамчун субъектони амаликунандаи фаъолияти соҳибкорӣ, иштирокчиёни комилҳуқуқи муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ буда, хизматрасонии пешбининамудаи боби 37 КГ ҶТ-ро ҳамчун самти асосии фаъолияти худ анҷом медиҳанд. Агентии рекрутингӣ (кадрӣ) дар асоси шартномаи хизматрасонии баимзорасондаи худ ухдадор аст ба манфиати фармоишгар амал кунад ва фармоишгар бояд бар ивази он маблағ пардохт кунад.

7. Агентиҳои рекрутингӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ, дар бозори меҳнат чунин намудҳои хизматрасониро дар алоҳидагӣ ба анҷом мерасонанд: санҷиши шарҳи ҳол дар бобати мутобиқат бо омилҳои назаррас, истифодаи технологияи муосир, сабти ҳама гуна иттилоот дар бораи ҷойҳои кории холӣ, паҳн намудани иттилоот ба ҷойи мусоҳиба тавассути почтаи электронӣ ё гузариши довталаб ба дастгоҳи посухдиҳии худкор бо қайди шарҳи он ки чи гуна ба он ҷо рафтан мумкин аст, баррасии номзадҳо барои мусоҳиба аз рӯйи омилҳои муҳимтарин ва ғайра [**2-М**].

8. Барои фарқ карда тавонистани шартномаи граждании аз шартномаи меҳнатӣ ба инобат гирифтани муқаррароти зерин зарур аст: танзими ҳуқуқӣ; тарафҳои шартнома; мавзӯи шартнома; мақсади бастани шартнома; ба санадҳои меъёрии дохилӣ мувофиқат кардани шароити меҳнат; муҳлати шартнома; пардохти маблағ; кафолату ҷубронпулиҳо; ҳуҷҷатгузорӣ.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

1. Барои танзими ҳуқуқии намудҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ дар бозори меҳнат дар моддаи 798 КГ ҶТ баъд аз калимаи «сайёҳӣ» калимаҳои «хизматрасонии таъминоти кадрӣ» илова карда шаванд.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи агентиҳои хусусии бокортаъминкунӣ» қабул карда шавад. Дар қонун мафҳумҳои асосӣ, ҳуқуқу ухдадориҳои агентиҳои хусусии бокортаъминкунӣ, инчунин шаклҳои ҳамкории онҳо бо хадамоти давлатии шуғл муқаррар карда шаванд.

3. Барои эътирофи фаъолияти рекрутингӣ ҳамчун намуди муосири фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди он қабул намудани барномаи давлатӣ дар бораи фаъолияти рекрутингӣ зарур мебошад.

## НУКТАҲОИ АСОСИИ МУҲТАВОИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ЁФТААНД:

### 1. Мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишорёфта


[**1-М**]. Назаров, Д.Қ., Шарифов Ш.Ҷ. Бозори меҳнат чун категорияи ҳуқуқӣ [Матн] / Д.Қ. Назаров, Ш.Ҷ. Шарифов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. - Душанбе, 2019. - № 4 (28). - С. 152-157.

[**2-М**]. Сангинов, Д.Ш., Шарифов, Ш.Ҷ. Агентиҳои хусусии бакортаъминкунӣ ҳамчун субъекти соҳибкорӣ дар бозори меҳнат [Матн] /

Д.Ш. Сангинов, Ш.Ҷ. Шарифов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. - Душанбе, 2020. - № 2 (30). - С. 176-187.

[**3-М].** Шарифов, Ш.Ҷ. Воситаҳои ҳуқуқи граждании дар механизми танзими бозори меҳнат [Матн] / Ш.Ҷ. Шарифов // Ҳаёти ҳуқуқӣ. - Душанбе, 2020. - № 3 (31). - С. 208-223.

**2. Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд**

[**4-М].** Шарифов, Ш.Ҷ. Нақши Конститутсия дар таҳкими минбаъдаи раванди демократикунонии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии ҷомеа [Матн] / Ш.Ҷ. Шарифов // Ҷавонон ва рушди илми муосир. - Қӯрғонтеппа, 2016. - С. 200-204.

[**5-М].** Шарифов, Ш.Ҷ. Намудҳои шартномаи хизматрасонии пулакӣ дар бозори меҳнат [Матн] / Шарифов Ш.Ҷ. // Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (8-уми октябри соли 2020). - Душанбе, 2020. - С. 147-169.

[**6-М].** Шарифов, Ш.Ҷ. Тарзҳои ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи истемолкунандаи хизматрасонӣ дар бозори меҳнат [Матн] / Шарифов Ш.Ҷ. // Маводи конференсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами қонунгӯзорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (8-уми октябри соли 2020). - Душанбе, 2020. - С. 273-294.

**ТАДЖИКСКИЙ ГОСУДАРСТВЕННЫЙ ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ
ИМЕНИ САДРИДДИНА АЙНИ**

**УДК: 347.731(575.3)**
**ББК: 65.9 (2) 8 (2 т)**
**Ш - 25**

*На правах рукописи*

**ШАРИФОВ ШУХРАТДЖОН ДЖАЛИЛОВИЧ**

# ПРАВОВОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ НА РЫНКЕ ТРУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т**

диссертации на соискание учёной степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.03 – Гражданское право; предпринимательское право; семейное право; международное частное право (юридические науки)

**ДУШАНБЕ – 2021**

Диссертация подготовлена на кафедре права исторического факультета Таджикскиого государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

**Научный руководитель:** **Сангинов Дониёр Шомахмадович** – доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой предпринимательского и коммерческого права юридического факультета Таджикского национального университета

**Официальные оппоненты:** **Исмаилов Шавкат Махмудович** – доктор юридических наук, профессор кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Махмадшозода Фарход Абдурахмон** – кандидат юридических наук, заместитель директора Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан

**Ведущая организация:** *Таджикский* **государственный** *коммерческий университет*

Защита диссертации состоится «11» января 2022 г. в 11:00 часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА–002 при Таджикском национальном университете (734025, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, зал диссертационного совета юридического факультета).

С диссертацией можно ознакомиться в центральной библиотеке Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, ул. Рудаки 17) и на сайте www.tnu.tj.

Автореферат разослан «_____» _________________ 2021 года.

**Ученый секретарь**
**Диссертационного совета,**
**доктор юридических наук, профессор** **Азиззода У.А.**

## ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования**. В любом обществе проблемы правового регулирования рынка труда, занятости и безработицы являются сложными и требуют своего решения. В Республике Таджикистан (далее - РТ) рынок труда до сих пор находится на стадии формирования и развития. В этой связи, по сей день, полностью не изучены некоторые проблемы, в частности, особенности занятости и безработицы в Таджикистане, регулирование рынка труда в условиях рыночной экономики, региональные аспекты безработицы и ее социальные противоречия.

Лидер нации, Президент РТ, уважаемый Эмомали Рахмон в своем Послании Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 26 января 2021 года подчеркнул: «В политике государства и Правительства Таджикистана главную позицию занимают регулирование трудовых отношений, развитие рынка труда и трудоустройство населения. Но, следует отметить, что согласно анализу, профессиональный уровень рабочих пока не отвечает требованиям рынка труда, в связи с этим, данный вопрос нуждается в серьёзном пересмотре»[1].

Для достижения этой цели государство должно создать условия для выхода хозяйствующих субъектов на рынок труда, решить проблему занятости и безработицы установленными законодательством способами. Как правило «Рыночная экономика и поддержка частного сектора, в том числе предпринимательской деятельности – это основа роста отечественной экономики и развития государственности. Переход к рыночной экономике, гарантия свободы экономической, предпринимательской и иной деятельности, не запрещенной законом, на конституционном уровне, свобода конкуренции и ограничение монополистической деятельности, создание единого экономического пространства, вступление страны во Всемирную Торговую Организацию, создание благоприятной правовой атмосферы для гарантии разнообразия форм собственности, в том числе частной собственности, являются основными факторами развития предпринимательства и его совершенствования в стране»[2].

Важным фактом является то, что переход к рыночной экономике приводит к структурным изменениям, снижению производства, влечет за со-

---

